# АХТАРОНИ АДАБ

# 31

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА ВА ТАҲРИРИЯИ**
**50-ҶИЛДАИ ОСОРИ КЛАССИКОН ВА МУОСИРОН**
**АЗ СИЛСИЛАИ “АХТАРОНИ АДАБ”**

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА**

*Абдуҷаббор Раҳмонзода*
*Шамсиддин Орумбекзода*
*Фарҳод Раҳимӣ*
*Низом Қосим*
*Гулназар*
*Сахидод Раҳматуллозода*
*Гурез Сафар*

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ**

*Абдулҳамид Самад*
*Кароматулло Олимзода*
*Сайидалӣ Маъмур*
*Абдунабӣ Сатторзода*
*Худоӣ Шариф*
*Мирзо Муллоаҳмад*
*Алии Муҳаммадии Хуросонӣ*
*Муҳтарам Ҳотам*

**А Б Д У Р А Ҳ М О Н И Ҷ О М Ӣ**

# М У Н Т А Х А Б И
# Ғ А З А Л И Ё Т

Душанбе
«Адиб»
2016

ББК 84 Тоҷик 7-5
Ҷ-68

Мураттибони матн ва луғату тавзеҳот
*Алии Муҳаммадии Хуросонӣ ва Холида Давлатова*

Муҳаррир *Муҳтарам Ҳотам*

Ҷ-68 **Абдураҳмони Ҷомӣ. Мунтахаби ғазалиёт.**
– Душанбе: «Адиб», 2016, 480 саҳ.

Дар ин китоб мунтахаби ғазалиёти шоир, донишманд ва мутафаккири асри XV Мавлоно Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ ба мухлисону ҳаводорони назми бегазанди форсии тоҷикӣ пешкаш мегардад.

ISBN 978-99947-2-432-1

© Нашриёти “Адиб”, 2016

## НОМАИ АЪМОЛИ ҶОМӢ
## ДАР ҒАЗАЛҲОЯШ БИХОН

Мавлоно Нуриддин Абдураҳмон ибни Низомиддин Аҳмад ибни Шамсиддин Муҳаммади Ҷомӣ (7.11.1414 – 9.11.1492 м.) шоиру донишманд ва мутафаккири бузурги асри XV мелодӣ буда, бо андешаҳои олии созанда, осори адабию илмии мондагор дар қатори беҳтарин суханварону донишмандони давраи классикии адабиётамон ҷой гирифтааст. Ӯро дар Шарқу Ғарб иддае «хотиматушшуаро», гурӯҳе дар эҷоди осори манзум баъди «Фирдавсию Анварию Саъдӣ» пайғамбари чаҳорум ва баъзеҳо ҷамъбасткунандаи тамоми дастоварду муваффақиятҳои даврони классикии адабиёти форсии тоҷикии қарнҳои IX-XV баршумурдаанд. Ҳамасри Ҷомӣ Давлатшоҳи Самарқандӣ девони шеъри ӯро «зевари маҷолиси фузало» хондааст.

Донишманди ҷомишинос Аълохон Афсаҳзод, ки беҳтарину бештарини умри хешро сарфи омӯзишу пажӯҳиши рӯзгор, осор, афкор ва таҳияи матнҳои илмӣ, илмӣ-оммавӣ ва илмӣ-интиқодии осори илмию адабии Мавлавӣ Ҷомӣ кардааст, навишта буд, ки «… дар ҳақиқат ҳам эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар адабиёти форсии тоҷикӣ як давраи бартамомро бо ҳама қоидаю қавонини классикӣ, анъанаҳои устувори эстетикӣ-адабӣ ва идеалҳои роиҷи иҷтимоию ахлоқии он муҷассам сохта, тамоми зиддиятҳои давру замонашро низ устокорона акс кунонидааст».

Абдураҳмони Ҷомӣ баъди таҳсил дар мадрасаҳои Ҳирот, омӯзишу зиндагии беш аз 15-сола дар Самарқанд ба сабаби ноормию бетартибиҳо, таҳқири аҳли илму фарҳанг дигар дар Самарқанд намонда, соли 1452 ба зодбуми худ Хуросон бармегардад ва кору фаъолияташро дар Ҳироти то андозае орому осуда идома медиҳад. Вай нахуст ба тасаввуф рӯй оварда, ба фирқаи нақшбандияи дар байни Хуросону Мовароуннаҳр шуҳратёфта гаравида, аксар ба масоили таърих ва назарияи он таваҷҷуҳ зоҳир менамояд. Талаботи ин фирқа, ки байни рафтори зоҳирии пайравони он ва зиндагии рӯзмарраи халқҳо фарқе намегузошт, инчунин бо тарғиби некӣ, ҳиммати баланд, кӯшишу фаъолияти пайваста, ҳунармандӣ, кишоварзӣ, танҳо бо дастранҷи худ дарёфтани ризқу рӯзӣ ва ғ. обрӯйи ин фирқаро ба-

ланд бардошта буд. Вале моҳияти иртиҷоии он ки мақсади ниҳоияш фано ва даст кашидан аз лаззатҳои ҳақиқии зиндагии инсонӣ дар рӯйи замин аст, барои мардуми авом торик ва нофаҳмо монда буд. Зоҳиран бо ом як будани пайравони ин фирқаро Мавлоно Ҷомӣ низ меписандид, зеро «ба зоҳир бо халқ ва ба ботин бо Ҳақ» будан сабаби пешрафту ривоҷи касбу ҳунар, инкишофи илму адабиёт ва шикасти ҳар гуна касбу ғурури ноҷоدониста мешуд. Мавсуф бо яке аз бузургони ҷараёни нақшбандия Саъдуддини Қошғарӣ (ваф. 1456 м.) шиносоии наздик пайдо карда, ӯро пири худ мехонад ва бо набераи писарии ӯ издивоҷ менамояд. Шоир ҳамсарашро «Гули хандон» меномиду муштоқона дӯст медошт. Ғолибан Мавлоно Ҷомӣ бо дидани «Гули хандон» дафъатан барояш ғазале эҷод менамояд, ки он аз ҳар ҷиҳат ҷолибу хотирписанд ва воқеъбинона аст:

*Дар либоси нилгун то ҷилва кардӣ, ай парӣ,*
*Маҳ дигар нанмуд рух з-ин пардаи нилуфарӣ.*
*Бо либоси осмонӣ ҳар кӣ дид, ай маҳ, туро,*
*Шуд бар ӯ чун рӯз равшан, к-офтоби дигарӣ.*
*Шохи шамшодӣ, ки печида-ст нилуфар бар он,*
*Сарви озодӣ, ки дорад рух чу гулбарги таре.*
*Расми даврон аст нилуфар ба зери об, лек*
*Акси ин кард он тани нозук, зиҳӣ санъатгарӣ!*
*Барги гул дар ғунча нозук бошад, аммо дар қабо*
*Ай гули хандон, ту бисёре аз ӯ нозуктарӣ.*
*Чанд истиғно, чӣ кам гардад зи ҷоҳу ҳашматат,*
*Гар ба чашми марҳамат сӯйи ғарибон бингарӣ?*
*Қадри ҳуснат Ҷомии соҳибназар донисту бас,*
*Қимати ҷавҳар касе нашносад, илло ҷавҳарӣ.*

Агар баъзе мусофиратҳои кӯтоҳмуддати устоди Ҷомро ба Тошканд, Фороб, Марв, Нишопур, Сабзавор, Бастом, Домғон, Қазвин, Ҳамадон, Макка, Мадина ва Шом истисно намоем, ӯ то охири умр дар Ҳирот мондааст. Гумон он аст, ки сафари ба Тошканд кардаи ӯ аз роҳи водии Ҳисор будаасту хоки пойи муборакаш ба Душанбеи ба гуфти устод Мирзо Турсунзода «деҳаи он замон назарногир»-и имрӯз зебоманзару ҳазорбоғубӯстон низ расида.Вай соли 1465 барои ба суҳбати Хоҷа Аҳрори Валӣ мушарраф гардидан аз тариқи Бухоро озими Самарқанд мешавад ва шаш моҳ дар он ҷо мемонад.

Тамоми ин муддат Абдураҳмони Ҷомӣ дар баробари омӯзишу андӯзиш ба эҷоди осори манзум ва навиштани рисолаҳои илмӣ машғул гардида, шогирдони зиёдеро дар ҳимояи маънавии худ гирифтаву тарбия менамояд ва ба камол мерасонад. Ӯ 9-уми ноябри соли 1492 (18-уми муҳаррами соли 898ҳ.) аз олам дармегузарад. Дар рӯзи дафни Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ тамоми мардуми шаҳри Ҳирот, атрофу акнофи он ва эътиқодмандон мотамдор буданд. Дар маъхазҳо омадааст, ки то оромгоҳи охирати адиб, ин мутафаккири ифтихори замон, султони вақт – Султон Ҳусайни Бойқаро пеш-пеши тобут ашкрезону навҳакунон рафт.

~ * ~

Қобилияти шеъргӯйии Мавлоно Ҷомӣ модарзод бошад ҳам, девони қадимаш – «Фотиҳату-ш-шубоб»-ро дар 50-солагиаш таҳияву тадвин ва дигарбора таҳрир карда будааст. Мероси адабию илмии мавсуф, ки то имрӯз ба мо расида, аз се девон – «Фотиҳату-ш-шубоб» (1478 м.), «Воситату-л-иқд» (1483 м.), «Хотимату-л-ҳаёт» (1491 м.), ки дар онҳо ғазалиёт ва дигар анвоъи ашъори ғиноии шоир ҷамъ омадаанд, маснавиҳои «Ҳафт авранг», «Баҳористон», «Нафаҳоту-л-унс», «Рисолаи қофия», «Рисолаи мусиқӣ», «Рисолаи кабир дар муаммо», «Фавоиди Зиёия», «Лавомеъ», «Шарҳи рубоиёт» ва ғ. иборатанд, ки ҷаҳонбинии баланди эҷодкорро бо тамоми паҳлуҳои ҳаёти гузарон фаро гирифтаанд.

Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ навиштани асарҳои бадеиро, чун бештари ғазалсароёни адабиёти форсии тоҷикӣ, бо гуфтани ғазал оғоз намуда будааст ва ин навъи шеър дар эҷодиёти ӯ мақом ва ҷойгоҳи худро дорад. Теъдоди ғазалҳои девони сегонаи Мавлоно Ҷомӣ мутобиқи матни илмии таҳиянамудаи Аълохон Афсаҳзод, ки дар Теҳрон (Мероси мактуб, 1378) интишор ёфтааст, 1804 адад ва абёти умумиашон 13015 байт мебошад. Шоир дар се девони худ беҳтарин анъанаи ғазалсароёни гузаштаи адабиёти ғановатмандамонро идома дода, дар онҳо аксар завқу фаросати ба омма наздики маъонии ошиқонаро дар ҷомаи орифона баён намудааст. Ин маънии онро надорад, ки ҳамаи ғазалҳои адиби баркамол дар пардаи тасаввуф эҷод гардида, оҳанги сӯфиёна дошта бошанд. Вай ҳам узви комилҳуқуқи ҷомеаи замони худ буд, бо ҷамъият ва дар байни ҷамъият кору эҷод мекард, неку бади рӯзгорро медид, некашро тавсиф ва ба-

дашро мазаммат карда, ҳамнавъонро ба роҳи рости зиндагӣ ҳидоят менамуд ва ғ. Содагии забон ва равонии баёни ғазалҳои шоир низ гӯёи ин андешаанд. Аз ин рӯ, дар лирикаи шоир дар баробари ишқи ирфонӣ ишқи заминии инсонӣ мавқеи устувор дорад. Ғазалҳои ошиқонаи мавсуф агарчи моломоли тамоми лаҳзаҳои ишқи инсонӣ, баёни муҳаббати ошиқу маъшуқа, эҳсосоти дилбохтагон, ҷамоли бемисоли маъшуқа, ғурури дилбари саркаш, лаззати висолу дарди ҳиҷрон ва монанди инҳо бошанд ҳам, аслан инъикоси бадеии ормонҳои замонаанд,зеро на ҳар ошиқ дар он замон ба висоли дӯстдоштаи худ мерасиду на ҳар маъшуқа дӯстдоштаи худро дар оғӯш дошт.

Ва шояд абёти зер низ фарогири сифатҳои ҷолиби ҳамон «Гули хандон» бошад, ки ошиқонаю шоирона ва самимона гуфта шудаанд:

*Дил бурд зи ман ишвагаре, фитнанамое,*
*Зарринкамаре, каҷкулаҳе, тангқабое.*
*Дар ҳусну латофат чӣ паричеҳра нигоре,*
*Дар саркашию ноз чӣ шӯхе, чӣ балое!*

Ҷойи дигар дар сифати маъшуқа басо ширину намакин мехонем:

*Даҳонат ғунча, ораз гул, барат насрин, хатат сабза,*
*Мабодо, к-ин баҳори ҳуснро ҳаргиз хазон ояд.*

Ошиқи офаридаи шоир дар ғазалиёташ нисбат ба маъшуқа сабур, вафодор, покиза, ранҷу балокаш, дар ғами ҷонгудози ҳиҷрон тобовар ва якрӯй тасвир ёфтааст. Ба ҷуз маъшуқаи худ ба дигарон коре надорад. Худро ғуломи ҳалқабаргӯш, саги дари маъшуқа медонад. Рақибонро чашми дидан надорад ва дар роҳи ишқ ҳам аз рақибон ва ҳам аз дилдодаи мағрур озорҳо мебинаду алам аз қалам мегирад:

*Ҷомиё, бӯйи дард меояд*
*Аз ғазалҳои ошиқонаи ту.*

На ҳар кас дарди дили ошиқро эҳсос мекунад. Бахусус онҳое, ки аз ишқ бӯйе набурдаанд, куҷо ҳоли ошиқони ҷигарсӯхтаро донанд:

*Осудадило, ҳоли дили зор чӣ донӣ,*
*Хунхории ушшоқи ҷигархор чӣ донӣ!*

Барои ошиқи офаридаи Абдураҳмони Ҷомӣ дарди ҳиҷрон аз ҷонкоҳтарину ғамангезтарин дардҳо будааст, ки мегӯяд:

*Мабанд он моҳ, гӯ, маҳмил, ки мегирянд сад бедил,*
*Нашояд корвонеро, ки дар борон бурун ояд.*

Ҳамин аст, ки шоир ошиқро дар роҳи ишқ навмед дармеёбад:

*Менадонам, чашми беҳбуд аз куҷо дорам, ки ҳаст*
*Ишқ бадхӯ, ёр золим, чарх носоз инчунин.*

Гоҳе ғазалҳои ошиқонаю орифонаи Абдураҳмони Ҷомӣ, чун ғазалсароёни орифи пешини адабиётамон, ончунон дар маъно ба ҳам печидаанд, ки ишқи инсонӣ ва ё ишқи ирфонӣ будани онҳоро бо душворӣ метавон фарқ намуд. Беҳтар аст барои кушодани ин гиреҳ ва дарки масъала ба китоби Аълохон Афсаҳзод «Ҷомӣ – шоири ғазалсаро» (Душанбе: Маориф, 1989. – 256 с.) муроҷиат шавад, то мо сухани устодро такрор накарда бошем. Бояд гуфт, ки дар ин китоб ба мавзӯъ, маънӣ ва шакли ғазалиёти шоир диққати вижа равона шуда карда шудааст.

Тору пуди ғазалҳои Абдураҳмонӣ Ҷомиро ғазалҳои ишқию ирфонӣ ташкил диҳанд ҳам, ин маънои онро надорад, ки дар онҳо андешаҳои иҷтимоӣ, фарсафӣ, сиёсӣ, ахлоқӣ, таълимӣ, шикоятӣ, ҳабсиҳолӣ, тасвири баҳору зебоиҳои он ва ғ. сарфи назар шуда бошанд. Шоир ғазалҳое низ дорад, ки ин ё он мавзӯи зиндагониро мушаххас фаро гирифтааст. Мисоле бо ин матлаъ:

*Шайхи худбин, ки ба ислом баромад номаш,*
*Нест ҷуз зарқу риё қоидаи исломаш…*

Абдураҳмони Ҷомӣ аввалан дар мактаби ғазалсароӣ аз устодони забардасти ғазалгӯй Фаридуддини Аттору Саъдии Шерозӣ, Амир Хусрави Деҳлавию Хоқонии Шарвонӣ, Мавлоно Ҷалолуддини Балхии Румию Хоҷа Ҳофиз, Камоли Хуҷандию Носири Бухороӣ ва дигарон сабақ гирифта, дар навбати худ ба баъдинагони ғазалсаро, монанди Суҳайлию Алишери Навоӣ, Ҳилолию Сайидои Насафӣ, Сойибу Шамсуддини Шоҳин… бе-

таъсир набудааст. Ба ин маънӣ, Амир Алишери Навоӣ – Фонӣ аз устодии Мавлоно Ҷомӣ дар «Девони форсӣ»-и худ гуфта буд:

*Фонӣ андар нуктадонӣ масту бебок омада-ст,*
*Бодаи Ҳофиз магар аз ҷоми Ҷомӣ карда нӯш!*

Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ба мо асарҳои гаронбаҳои адабӣ ва илмӣ, аз ҷумла, ғазалҳои пурмуҳтавои равону ширин ва дилнишин ба мерос гузоштааст. Имрӯз осори Мавлоно пайваста интишор меёбад, хонандаи худро дорад ва ашъораш, бахусус ғазалиёташро овозхонони номии кишвар ва форситаборони бурунмарзӣ ба оҳанг даровардаву месароянд, мардум аз андешаҳои ҳакимонааш панди зиндагӣ мегиранд ва ғ. Шуҳрату эътибори ин суханвари дар сухангустарӣ камназир ҳанӯз дар замони зиндагиаш дили ҳамзабононро тасхир намуда буд. Шоир дар ин боб бо боварии комил гуфта, ки:

*Агар ба Форс расад корвони ашъорам,*
*Равони Саъдию Ҳофиз кунандаш истиқбол.*
*В-агар ба Ҳинд расад, Хусраву Ҳасан гӯянд,*
*Ки ай ҷаҳони ҳунар, марҳабо, таол, таол!*

Абёти болоии Мавлоно Ҷомӣ пеш аз ҳама ба ғазалҳои ӯ тааллуқ доранд, зеро Саъдию Ҳофиз ва Амир Хусраву Ҳасани Деҳлавӣ аз ҷумлаи ғазалсароёни чирадасти адабиёти форсии тоҷикӣ ба шумор рафта, ба ғазалсароёни баъдина бетаъсир набудаанд. Ғазалҳои шоир зиндагиномаи ӯянду ин аз гуфтаи худи эҷодкор бармеояд:

*Шеъри ман, Ҷомӣ, баёни ишқу хун хурдан бувад,*
*Ин на девони ғазал, девони аъмоли ман аст.*

Ниҳоят, ғазал дар эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ ҷойгоҳ ва мақоми вижа дошта, мунтахабан манзури аҳли назар мегардад.

***Алии Муҳаммадии Хуросонӣ***

## АЗ «ФОТИҲАТУ-Ш-ШУБОБ»

*   *   *

Чанд сӯйи чаман оям ба ҳавоят чу сабо,
Як раҳ, ай сарви саҳӣ, қомати раъно бинамо.

Ба таҳи куртаи нилӣ суйи бустон бихиром,
То гул аз шавқ кунад хирқаи фирӯза қабо.

Боғбон, кош, кунад савсану гул фарши раҳат,
З-он ки бар рӯйи замин ҳайф бувад он кафи по.

Сарвро ҷо лаби ҷӯй асту туро гӯшаи чашм,
Аллаҳ, Аллаҳ, чӣ тафовут, ту куҷо, сарв куҷо?

Ҳамчу булбул ба ҳавои гули рӯят нолам,
Нест ин нолаву фарёди ман аз боди ҳаво.

З-оби софӣ нигар он рӯйи чу гул, то донӣ,
К-аз чӣ рӯ ин ҳама ҷӯёни туанд аҳли сафо?

Бо ту Ҷомӣ ҳаваси гашти гулистон дорад,
Лек чун ҳамраҳии сарв кунад шохи гиё?

*   *   *

Гоҳ дар дил соз, гаҳ дар дида ҷо,
Ҳар ду ҷойи туст, ё бадр-уд-дуҷо.[1]

Тӯбӣ омад қадди ту вақти хиром,
Гар хиромад сӯйи мо, Тӯбӣ лано.[2]

То ба ҳар чашме зи роҳат сурма бурд,
Чашми ман дорад ғуборе аз сабо.

Ман нагӯям бандаи хешам шумор,
Нест ҳукме бандаро бар подшо.

Хоҳам аз дил баркашам пайкони ту,
Лекин аз дил барнамеояд маро.

Парда бикшо, чун намудӣ он ду зулф,
То рухат бинем баъд аз умрҳо.

Гар сари Ҷомӣ ҷудо созӣ ба теғ,
Беҳ, ки созӣ з-остони худ ҷудо.

---

[1] Бадр-уд-дуҷо – моҳи чаҳордаҳрӯза.
[2] Тӯбӣ лано – Тӯбӣ аз они мо.

*   *   *

Чу ашки хештан ғалтам миёни хоку хун шабҳо,
Зи рашки он ки бинам ҷоми майро лаб бар он лабҳо.

Шудӣ машҳури шаҳр он сон, ки ҳамчун «Сураи Юсуф»
Ҳамехонанд тифлон қиссаи ҳуснат ба мактабҳо.

Ба хоб ар бар дарат ёбанд ҷо ҷонҳои муштоқон,
Ба бедорӣ куҷо оянд дигар сӯйи қолабҳо?!

Зи ту ҳар шаб зи бас «ё Раб» равад бар осмон, афтад
Малоикро ғалат дар сабҳа аз ғавғои «ё Раб»-ҳо.

Танамро з-оташи дил ҳар дам афзояд табе дигар,
Худоро, ай аҷал, раҳме, ки ҷонам сӯхт з-ин табҳо!

Шудам бадбахт з-ашки худ, нашуд, оре, маро ҳаргиз
Саодатмандие рӯзӣ аз ин сайёра кавкабҳо.

Зи ҳафтоду ду миллат кард Ҷомӣ рӯ ба ишқи ту,
Бале, ошиқ надорад мазҳабе ҷуз тарки мазҳабҳо.

*     *     *

Аз хор-хори ишқи ту дар сина дорам хорҳо,
Ҳар дам шукуфта бар рухам з-он хорҳо гулзорҳо.

Аз бас фиғону шеванам, чангест хам гашта танам,
Ашк омада то доманам аз ҳар мижа, чун торҳо.

Раҳ ҷониби бустон фиган, к-аз шавқи ту гул дар чаман
Сад чок карда пераҳан, шуста ба хун рухсорҳо.

То сӯйи боғ орӣ гузар, сарву санавбарро нигар,
Умре пайи наззора сар баркарда аз деворҳо.

Зоҳид ба масҷид бурда пай, ҳоҷӣ биёбон карда тай,
Он ҷо ки бошад нуқлу май, бекорӣ аст ин корҳо.

Ҳар дам фурӯшам ҷон туро, бӯса ситонам дар баҳо,
Савдоиям, бошад маро бо худ басе бозорҳо.

Ту дода дил бо ҳар касе, ман мурда аз ғайрат басе,
Як бор мирад ҳар касе, бечора Ҷомӣ борҳо.

*   *   *

Ҳар шаб афрӯхта аз оташи дил машъалаҳо,
Равад аз кӯйи ғамат сӯйи адам[1] қофилаҳо.

Дилам аз партави хуршеди рухат қандилест,
Аз сари зулфи ту овехта бо силсилаҳо.

Шарҳи асрори харобот надонад ҳама кас,
Ҳам магар пири муғон ҳал кунад ин масъалаҳо.

Дар раҳи фақру фано бе мадади ишқ марав,
Ки камингоҳи ҳаводис бувад ин марҳалаҳо.

Гуфтугӯйи хирад аз ҳад бигузашт, ай соқӣ,
Бода дардеҳ, ки надорам сари ин машғалаҳо.[2]

Соате гӯши ризо сӯйи мани дилшуда неҳ,
К-имшаб аз дасти ту ҳам пеши ту дорам гилаҳо.

Воқиф аз сирри харобот ҷуз он маст нашуд,
Ки ба майхона баровард чу Ҷомӣ чилаҳо.

---

[1] Адам – нестӣ
[2] Машғала – машғулият, шуғл.

*   *   *

То бар вараќи гул задӣ аз мушк раќамҳо,
Дар васфи ту бишкаст сари ҷумла ќаламҳо.

Ҳаргиз дили ман бе ту ҷудо аз аламе нест,
Ай ќоидаи лутфи ту таскини аламҳо!

Дар лашкари ишќи ту асирон ҳама гирданд
В-аз оташи дилҳост дар он гирд аламҳо.[1]

Навъе дигар омад зи карам ҳар ситами ту,
Бо хастадилон мекунӣ анвои карамҳо.

З-ин пеш ғами ҷумла бутон бар дили ман буд,
Озод шудам бо ғами ту аз ҳама ғамҳо.

Теғи ситамат гуна зи хуни дигарон ёфт,
Бар ошиќи худ то кай аз ин гуна ситамҳо.

Соҳибназарон рӯй ниҳоданд ба Ҷомӣ,
З-он рӯз, ки дар роҳи ту шуд хоки ќадамҳо.

[1] Алам – парчам.

* * *

Ай бурда рухат равнақи гулҳову суманҳо,
Дорад даҳани танги ту дар ғунча суханҳо.

Гар сарв на бо қадди ту монад, натавон бурд
Чун об ба занҷир маро сӯйи чаманҳо.

Саҳрои адам лоласитон шуд, чу шаҳидон
Бо доғи ту рафтанд ба хун ғарқа кафанҳо.

Гуфта-ст ба ҳар ғунча сабо лутфи даҳонат,
Монда-ст зи ҳайрат ҳамаро боз даҳанҳо.

Мушкил, ки бувад рӯйи халосӣ дили моро,
Аз зулфи ту бо ин ҳама хамҳову шиканҳо.

Бо лаззати оворагии водии ишқат
Ғурбатзадагонро нашавад майли ватанҳо.

Чун хома, ба васфи хати мушки ту фурӯ монд,
Ҷомӣ, ки шуд ангуштнамо дар ҳама фанҳо.

*   *   *

Ба Каъба гар нанамоӣ ҷамоли худ моро,
Зи хуни дида кунам лаъл реги Батҳоро.

Ба даври ҳусни ту аз муҳраи вафо пардохт
Мушаъбиди[1] қадар ин ҳуққаҳои миноро.

Зи шавқи тавқи сагони дари ту гардонанд
Мусаббеҳони[2] фалак субҳаи сурайёро.

Ба тарки ишрати имрӯз чун кунам, ки касе
Замон намешавад аз ман ҳаёти фардоро.

Маризи он лабам, ай нола, чун расӣ ба фалак,
Бипурс шарҳи мудовои ман Масеҳоро.

Канора кун зи ҷаҳон, то расӣ ба маъмани ишқ,
Ба кӯҳи Қоф талаб ошёни анқоро.

Ҳарими майкада, Ҷомӣ, макони покон аст,
Зи доғи зарқ бишӯ хирқаи мусаллоро.[3]

---

[1] Мушаъбид – шуъбадабоз, чашмбанд, ҳиллагар ва афсунгар.
[2] Мусаббеҳ – тасбеҳгардонанда.
[3] Хирқаи мусалло – ҷойнамоз.

*  *  *

Симинзақано, сангдило, лолаузоро,
Хуш кун ба нигоҳе дили ғампарвари моро.

Ин қолиби фарсуда гар аз кӯйи ту дур аст,
Алқалбу ало бобика лайлан ва наҳоро.[1]

Озурда мабодо, ки шавад он тани нозук,
Аз баҳри Худо, чуст макун банди қаборо.

Ман чун гузарам аз сари кӯйи ту, к-аз он ҷо,
Ёрои гузаштан набувад боди саборо?

Хуш он, ки зи май маст шавӣ, бехабар афтӣ,
Пинҳон зи ту ман бӯса занам он кафи поро.

Ҷомӣ накунад ҷуз ҳаваси базми ту, лекин
Дар ҳазрати султон кӣ диҳад бор[2] гадоро?

---

[1] Тарҷума: дили ман ҳар шабу рӯз ба ҷониби шумост.
[2] Бор – иҷозат.

*   *   *

Худой хайр диҳод он ҷавони раъноро,
Ки во раҳонд ба пиронасар зи мо моро.

Карашмаҳои ғизолони маст мебахшад
Фароғат аз ду ҷаҳон ошиқони шайдоро.

Шарори синаи Маҷнун зи оташи Лайлӣ
Кабоб сохт ҳама оҳувони саҳроро.

Суҷуди хоки дарат бурданам таманно буд,
Ба хок мебарам имрӯз ин таманноро.

Ба дида сӯйи ту оям, ки аз сари покон
Ба раҳгузори ту ҷо нест бар замин моро.

Чӣ суд панди касон, чун намебарад зи дилам
Ҳавои қадди дилорову рӯйи зеборо?!

Ҳалоки Ҷомии дилхаста хост он, к-орост
Ба шаклу шева саворони сарвболоро.

*   *   *

Пири мо бигзошт охир шеваи зуҳҳодро,[1]
Сохт фарши майкада саҷҷодаи иршодро.[2]

Хурдаам пеш аз намози субҳ май, баҳри Худо,
Ай имом, имрӯз бо мутриб гузор авродро.

Чанг устодест дарси ишқро, ку мутрибе
То замоне бар сари дарс орад ин устодро?

Сӯфии дарюзагар аз базми ҷамъи Даҷлакаш
Гар равад, ғам нест як занбил кам Бағдодро.

Эътимоди муфлиси майхона бар файзи хум аст,
Нест зоде[3] ҷуз таваккул ҳоҷии безодро.

Аз дами най нарм кай гардад дили сахти фақеҳ,
Гарчи созад филмасал нарм ин фусун фӯлодро.

Ҷомиё, хишт аз сари хум гиру гил аз лойи май,
Гар иморат хоҳӣ ин дайри харобободро.[4]

---

[1] Зуҳҳод – ҷамъи зоҳид ; зоҳидон.
[2] Иршод – раҳнамоӣ.
[3] Зод – тӯша.
[4] Дайри харобобод – киноя аз дунё.

*  *  *

Ё Раб, инсофе бидеҳ он шайхи даъводорро,
То ба хорӣ нангарад риндони дурдихорро.

Шаръро озори аҳли дил тасаввур кардааст,
З-он гирифта пешаи худ шеваи озорро.

Табъ бар ганҷи ҳақиқат қуфлу шаръ омад калид,
То диҳад з-он ганҷ берун гавҳари асрорро.

Ҳар кӣ ҷунбонад калиди шаръро дар вафқи табъ,
Табъ накшояд ба рӯяш ҷуз дари идборро.

Мункири аҳли тариқатро зи ирфон баҳра нест,
Нест ҷуз ҷаҳли ҷибиллӣ мӯҷиби инкорро.

Сирри ваҳдат «Мантиқ-ут-тайр» аст, Ҷомӣ, лаб бибанд,
Ҷуз Сулаймоне нашояд фаҳми ин гуфторро.

Бӯйи ишқ аз гуфтаи Аттор оламро гирифт,
Хоҷа мазкум аст, аз он мункир бувад Атторро.

*  *  *

Кист, к-аз ушшоқ пайғоме расонад ёрро,
В-аз фаромӯшон диҳад ёд он фаромушкорро.

Шуд дилам озурдаи захми ғами ҳиҷрон, куҷост
Марҳами васле, ки аз дил чинад ин озорро?

З-ашки хунин сурхрӯйиҳост пеши мардумам,
Ҳақгузорӣ чун кунам ин дидаи хунборро.

Хун аз он гирям зи ҳаҷри ӯ, ки дар хун ғарқа беҳ
Дида, к-ӯ лоиқ набошад давлати дидорро.

Пор гуфт он маҳ бароям: – Бо ту хуш соли дигар!
Шуд чунон, к-имсол андар хоб бинам порро.

Баҳри худ номи саги он дар нахоҳам орият,
Чун писандам бар шиори давлаташ ин орро.

Сар ба болини ҷудоӣ дид Ҷомиро табиб,
Гуфт: – Ҷуз мурдан илоҷе нест ин беморро.

*  *  *

Ҳар дам афрӯзӣ чу гул рухсори оташнокро,
Шуъла дар хирман занӣ муште хасу хошокро.

Ақлро равшан шавад моҳияти ҳуснат, агар
Пардаи ҳайрат набандад дидаи идрокро.

Ҷони пок аст он, на тан, дар зери пероҳан туро,
Сад ҳазорон офарин ҷонофарини покро.

Камтарин сайди туам, пеши сагони худ фиган,
Гар наям лоиқ, ки олоӣ ба ман фитрокро.

Ҷомаи ҷон чок шуд, торе зи пероҳан бибахш,
К-аз чунон ришта тавон пайванд кард ин чокро.

Домани хиргаҳ барафган, ай маҳи хиргаҳнишин
В-арна хоҳад сӯхт оҳам хаймаи афлокро.

Хок шуд бар раҳгузорат Ҷомию ҳаргиз наёфт
Он шараф, к-аз сояи сарви ту бошад хокро.

*   *   *

Мутриб, имшаб соз кун бо нолаи ман чангро,
Оташи дигар фурӯз ин сӯзнок оҳангро.

Баски нолидам зи дарди дурии он сангдил,
Дил ба дард омад зи оҳу нолаи ман сангро.

Дурам аз ёру наёрам сӯйи ӯ рафтан, ки ашк
Сохт дарё гирди ман фарсанг дар фарсангро.

Розам охир фош хоҳад шуд, чӣ сон пӯшам зи халқ
Чеҳраи зарду сиришки арғувонирангро?

Ҳаст осеби танат озори ҷони бедилон,
Андаке оҳистатар банд он қабои[1] тангро.

Баҳри тират ҷанг дорад ҷон ба дил, лутфе намо,
Тири дигар сӯйи ҷон андозу биншон ҷангро.

Ҷомиё, туғрои давлат[2] хоҳӣ аз султони ишқ,
Хатти расвоӣ бикаш маншури[3] ному нангро.

---

[1] Қабо – ҷома.
[2] Туғрои давлат – имзо, имзои подшоҳ, ки бар рӯйи фармонҳо гузошта мешавад.
[3] Маншур – фармон.

*   *   *

Муаллим, гӯ мадеҳ таълими бедод он парирӯро,
Ки ҷуз хӯйи накӯ лоиқ набошад рӯйи некӯро.

Маро чашми накӯйӣ буд аз он бадхӯ, чӣ донистам,
Ки хоҳад гӯш кардан дар ҳақи ман қавли бадгӯро.

Рақибо, чун ба раҳ мебиниям афтода, раҳме кун,
Яке з-ин сӯ хиромон бигзарон он сарви дилҷӯро.

Агар пойи сагаш мебӯсам, ай носеҳ, мазан таъна,
Ки ман рӯзе ба кӯйи ошноӣ дидаам ӯро.

Ба ҷойи ҳар сари мӯ бар тани ман бод сад ништар,
Агар хоҳам зи дарди дӯст холӣ як сари мӯро.

Наяфтодӣ миёни хоку хун ҳар дам, агар будӣ
Ба роҳаш рӯйи афтодан сиришки бераҳу рӯро.

Чунин ошуфтаву расво ба кӯйи ӯ марав, Ҷомӣ,
Мабодо, к-аз ту ор ояд сагони он сари кӯро.

*    *    *

Ай маҳи хиргаҳнишин, аз рух барафган пардаро,
Шод кун охир, гаҳе дилҳои ғампарвардаро.

Гар ба гӯристони муштоқон савора бигзарӣ,
Ҷон диҳад дар тан садои сумми аспат мурдаро.

Ҷон ба лаб овардиям, лаб бар лабам неҳ як нафас,
То ба ту биспорам ин ҷони ба лаб овардаро.

Шарбати ҳиҷрон чашидам, фикри ҷон кандан чӣ суд,
Чун умеди зист бошад заҳри қотилхурдаро.

Беталаб натвон висолат ёфт, оре, кай диҳад
Давлати ҳаҷ даст ҷуз ранҷи биёбонбурдаро?

Гар ба хун ғалтам, чӣ бок ӯро, ки тифли хурдсол
Рақс донад изтироби мурғи бисмилкардаро.[1]

Нест вақти тавба, Ҷомӣ, хез, то бар ёди дӯст
Ҷоми май гирем, рағми зоҳиди афсударо.

[1] Бисмил – кушташуда.

*   *   *

Бом барову ҷилва деҳ моҳи тамоми хешро,
Матлаи офтоб кун гӯшаи боми хешро.

Бо ҳама мерасад ғамат, қисмати банда ҳам бидеҳ,
Хос ба дигарон макун раҳмати оми хешро.

Пухт зи таф ғами дилам, хом ҳанӯз кори ман,
Пеши ту арза мекунам пухтаву хоми хешро.

Шуд ба ғуломии дарат сарф ҷавониям ҳама,
Баҳри Худо, тафаққуде[1] пири ғуломи хешро.

Бар ту салом мекунам, гарчи фуруд ёфтам,
Бо шарафи ҷавоби ту қадри саломи хешро.

Бурд матои ҳастияш зуд ба кишвари адам,
Ҳар кӣ ба дасти ишқи ту дод зимоми[2] хешро.

Бар вароқе, ки кардаам номи сагон-тро рақам,
Зертарак навиштаам аз ҳама номи хешро.

Бар мани хастадил мазан таъна ба меҳри некӯвон,
Сайди каси дигар махон оҳуи доми хешро.

Ҷомии ташналаб, ки шуд хок зи шавқи лаъли ту,
Бода хуру бар ӯ фишон ҷуръаи ҷоми хешро.

[1] Тафаққуд –меҳрбонӣ.
[2] Зимом – ихтиёр.

*     *     *

Соқӣ, ба ҷадал ҳал нашавад масъалаи мо,
Май деҳ, ки зи ҳад мегузарад машғалаи мо.

Дар роҳи талаб бодияву Каъба чӣ бошад,
Сад бодияву Каъбаву як марҳалаи мо.

Ин ҳарзадароён[1] ҳама дар роҳ дароянд,
Гар бонги дарое[2] расад аз қофилаи мо.

Пашмина сиёҳ аз сабаби зулфи ту кардем,
Дар хирқа ба зулфи ту расад силсилаи мо.

Зад аз дили мо шуъла бар авҷи фалак оташ,
Шуд нурдеҳи базми фалак машъалаи мо.

Моро гила аз хӯйи ту ин аст, ки ҳарчанд
Кардем гила, гӯш накардӣ гилаи мо.

Ҷомӣ, маталаб давлати васлаш, ки бурун аст
Таҳсили чунин манзалат аз ҳавсалаи мо.

---

[1] Ҳарзадароён – беҳудагардон, беҳудагӯён, одамони бемаънигӯй.
[2] Дарой – занг, зангӯла.

*　　*　　*

Кош, вайрон шавад аз сели фано хонаи мо,
То кашад ганҷи бақо рахт ба вайронаи мо.

Чархи фирӯза, чу бинӣ зи шафақ гулгунаш,
Дурди олуда сафолест зи хумхонаи мо.

Мову паймони май, ай зоҳиди паймонашикан,
Дур бод офати санги ту зи паймонаи мо!

Турфа ҳоле, ки ба як ҳарф забон бикшодем,
Қоф то қофи ҷаҳон пур шуд аз афсонаи мо.

Шеваи зуҳд ба риндон чӣ фурӯшем, ки нест,
Нархи як ҷуръаи май субҳаи[1] саддонаи мо.

Сояи раҳматӣ, ай шамъи Чигил[2], к-афтода-ст
Болупарсӯхта дар пойи ту парвонаи мо.

Ҷомӣ, ин нофакушоӣ зи кӣ омӯхтаӣ,
Ки муаттар шуда з-анфоси ту кошонаи мо?!

---

[1] Сабҳа – тасбеҳ.
[2] Чигил – шаҳре будааст дар Туркистон, ки аҳолии ӯ ба зебоӣ маъруф будаанд. Шамъи чигил – киноя аз маъшуқаи зебост.

*  *  *

Тарфи боғу лаби ҷӯю лаби ҷом аст ин ҷо,
Соқиё, хез, ки парҳез ҳаром аст ин ҷо.

Шайх дар савмаа гар маст шуд аз завқи самоъ,
Ману майхона, ки ин ҳол мудом аст ин ҷо.

Лаб ниҳодӣ ба лаби ҷому надонам мани маст,
Ки лаби лаъли ту ё бода кадом аст ин ҷо.

Бастаи ҳалқаи зулфи ту на танҳо дили мост,
Ҳар куҷо мурғи диле, бастаи дом аст ин ҷо.

Мекашӣ теғ, ки созӣ дили моро ба ду ним,
Теғ бигзор, ки як ғамза тамом аст ин ҷо.

Пеши арбоби хирад шарҳ макун мушкили ишқ,
Нуктаи хос магӯ, маҷлиси ом аст ин ҷо.

Ҷомӣ аз бӯйи ту шуд маст, на май диду на ҷом,
Базми ишқ аст, чӣ ҷойи маю ҷом аст ин ҷо?

*   *   *

Туро, ай нозанин, ҳар сӯ зи дилҳо сад сипаҳ бодо,
Ба ҳар ҷо бигзарӣ, сад ҷони покат хоки раҳ бодо!

Ҳаметарсам шавад озурда он тан в-арна мегуфтам:
– Туро ҳар шаб даруни дидаи ман хобгаҳ бодо!

Зи ҳукми ақл мебахшад фароғат ишқи ту моро,
Ҳамеша ишқи ту дар кишвари дил подшаҳ бодо!

Сияҳрӯ хондиям в–он мӯҷиби сад сурхрӯйӣ шуд,
Сари мӯе агар гӯям хато, рӯям сияҳ бодо!

Туфайли дигарон бошад, ки ёбам лаззати теғат,
Ҳамеша хӯйи ту хунрезии ҳар бегунаҳ бодо!

Кулаҳ каҷ карда меронӣ саманду халқ мегӯянд:
– Худо ҳамвора ёри ин савори каҷкулаҳ бодо!

Дили Ҷомӣ, ки шуд бутхона аз меҳри буте чун ту,
На дар вай фикри масҷид, не ҳавои хонақаҳ бодо!

*   *   *

Ба маҳи ман кӣ расонад, ки мани дилшуда ҳар шаб
Зи ғами ҳаҷр расонам ба фалак наъраи «ё Раб».

Натавон бӯса зад он лаб, кунам аммо ҳаваси он,
Ки бибӯсам лаби ҷоме, ки расад гоҳ бар он лаб.

Сари ман гарчи нашояд, ки ба фитрок бибандӣ,
Чӣ шавад гар бигузорӣ, ки ниҳам бар суми маркаб.

Чу маро мазҳабу миллат ҳама шуд дар сару корат,
Чӣ занам лоф зи миллат, чӣ кунам даъвии мазҳаб?

Сухани зулми ту гуфтан бари султон кӣ тавонад,
Ки дар он ҳазрати олӣ чу ту кас нест муқарраб?

На агар дошт муаллим ҳаваси куштани халқе,
Ба ту ин нозу карашма зи чӣ омӯхт ба мактаб?

Нашавад меҳри ту аз дил ба ҷафоҳои паёпай
Наравад сӯзи ту аз ҷон ба дуоҳои муҷарраб[1].

Таби ҳиҷрони ту, ё Раб, чӣ ҷигарсӯз табе буд,
Ки табиб ар ту набошӣ, набарад ҷон кас аз ин таб.

Ба шароб ар нафурӯшам сару дастор чу Ҷомӣ,
Накунам дар сафи риндон пас аз ин даъвии машраб.

---

[1] Муҷарраб – таъсирнок, иҷобатшаванда.

* * *

Гуфтамаш: – Ай сахтдил, аҳди ту суст аст аз нахуст,
Гуфт: – То кай гӯйиям дар рӯй чандин сахту суст?

Гуфтамаш: – Дар ошиқӣ мо ринду бебокему маст,
Гуфт: – Дар ошиқкушӣ мо низ чолокему чуст.

Гуфтамаш: – Дар хоки меҳнат дона мепошам зи ашк,
Гуфт: – Аз ин тухму замин ҷуз донаи ҳасрат наруст.

Гуфтамаш: – Умрест меҷӯям зи лаълат коми дил,
Гуфт: – Ошиқ нест он, к-аз дӯст коми хеш ҷуст.

Гуфтамаш: – Гулро ба боғ ин сурхрӯйӣ аз куҷост?
Гуфт: – К-аз хуни дили ғунча зи рашкам чеҳра шуст,

Гуфтамаш: – Сарриштае хоҳам ба каф сӯят кашон,
Гуфт: – Ин сарришта гар аҳли дилӣ, дар дасти туст.

Гуфтамаш: – Санги ҷафоят хотири Ҷомӣ шикаст,
Гуфт: – Чун бар шиша ояд санг, кай монад дуруст.

*   *   *

Биҳамдиллаҳ, ки бозам дида равшан шуд ба дидорат,
Гирифтам қути ҷон аз ҳуққаи лаъли шакарборат.

Ғуборолуда меоию чарх ин орзу дорад,
К-аз оби чашмаи хуршед шӯяд гарди рухсорат.

Кулоҳи дилбарӣ каҷ неҳ, саманди ноз ҷавлон деҳ,
Ки бошад ҳиммати некон зи чашми бад нигаҳдорат.

Каманди ҷаъди хам дар хам гар ин сон афганӣ, бинам
Ҳама гарданкашони мулкро охир гирифторат.

Чӣ ҳоҷат посбон гирди дару боми ту гардидан?
Чу рӯзи равшан аст аз шуълаи оҳам шаби торат.

Агар чун офтобам нест раҳ дар равзанат, ин бас,
Ки рӯзе соявор аз по дарафтам зери деворат.

Чу мурғони хазондида хамуш буд аз сухан Ҷомӣ,
Вале дар гуфтугӯ овард бозаш бӯйи гулзорат.

*   *   *

Пирона сар кашидам сар дар раҳи сагонат,
Мӯйи сафед кардам ҷорӯби остонат.

Ай аз ҳилоли абрӯ бар офтоби тобон
Мушкин камон кашида, ман чун кашам камонат?

Кам зан гираҳ миёнро бар қасди ман, ки тарсам
Тоби гираҳ наёрад аз нозукӣ миёнат.

Лаъли ту ҷону ман ҳам дорам рамида ҷоне,
Биншин даме, ки бодо ҷонам фидои ҷонат.

Судам ҷабин ба роҳат, гуфтӣ: – Маҷӯ зиёнам,
Ё Раб, Худо бибахшад сабре бар ин зиёнат!

Ман кистам, ки чинам барге зи гулбуни ту,
Кошам халад ба сина хоре зи бӯстонат.

Як бӯса ваъда кардӣ, лаъли лабат замон[1] шуд,
Худ лутф кун в-агарна бистонам аз замонат.

Хай[2] пок кун, Худоро, аз рух, ки шуст моро
Лавҳи сабурӣ аз дил рухсори хунчаконат.

Дашноме аз забонат бошад муроди Ҷомӣ,
Ё аз забони он кас, к-ӯ гӯяд аз забонат.

---

[1] Замон – зомин.
[2] Хай – арақ, араҳи бадан.

*  *  *

Лола қадаҳи бодаву гул шоҳиди раъност,
Гулбонгзанон мурғи чаман мутриби гӯёст.

Бихром суйи боғ, ки шодиву тарабро
Бе саъйи туву ман ҳама асбоб муҳайёст.

То гул тутуқи[1] ғунча зи рухсор кушода-ст,
Наргис ҳама тан чашм шуда баҳри тамошост.

Сабза кашад аз сӯзани зангоргирифта
Хоре, ки шикаста зи ғам андар ҷигари мост.

Бар сурати наргис бикушо чашм, ки гӯйӣ
Пиромуни хуршед аён иқди сурайёст.

Ё бар кафи симинбадане ҷоми зар аст он,
К-аз ҳар тараф ангушт чу сим омада пайдост.

Баҳри қабасе[2] з-оташи гул шохи шукуфа
Аз ҷайб бурун карда чу Мӯсо яди байзост.

Сар карда фурӯ, хирқакабудест бунафша,
К-аз сабза ба зери қадамаш сабзмусаллост.

Ин абри баҳор аст, ки дар сояи ҷудаш
Пургавҳару дур гашта ҳама домани саҳрост.

Не, не, ғалатам, балки саропардаи ишрат
Шоҳ аз пайи бахшиш зада бар торуми миност.

Ҷомӣ, ки зад аз нав рақам ин шеъри баҳорӣ,
Аз барги гиёҳе чамани мадҳи шаҳ орост.

---

[1] Тутуқ – парда.
[2] Қабас – оташ афрӯхтан.

*    *    *

Соқӣ, биёр бода, деҳ акнун, ки фурсат аст,
Мутриб бизан тарона, ки фурсат ғанимат аст.

Чашмам ба рӯйи шоҳиду гӯшам ба бонги чанг,
Ай пандгӯ, бирав, ки на ҷойи насиҳат аст.

Ҷони маро зи марҳами роҳат нишон мапурс,
К-аз ошиқӣ насибаи ӯ доғи меҳнат аст.

Пайкони обдор, ки ояд зи дасти дӯст,
Бар ошиқони сӯхта борони раҳмат аст.

З-он дам, ки сар фиганд бар он остон маро,
Бар гарданам зи теғи ту сад бори миннат аст.

Ҳар сифла пай ба кунҷи қаноат куҷо барад,
Ин нақд дар хизонаи арбоби ҳиммат аст.

З-абнои даҳр вақти касе хуш намешавад,
Хушвақт он ки муътакифи[1] кунҷи узлат аст.

Ҷомӣ, ба ҷустуҷӯ натавон васли дӯст ёфт,
Мавқуфи вақт бош, ки ин кори давлат аст.

[1] Муътакиф – гӯшанишин.

*   *   *

Боз дар базми ғамат наъраи нӯшонӯш аст,
Ақл ҳайрону хирад волаву ҷон мадҳуш аст.

Нарасад хастадилонро зи ту ҷуз неши ситам,
Гарчи ҷоми лаби лаъли ту лаболаб нӯш аст.

Ашки гармам зи тафи хуни дил ояд дар чашм,
Баски аз оташи шавқи ту дилам дар ҷӯш аст.

Кисвати хоҷагию хилъати шоҳӣ чӣ кунад,
Ҳар киро ғошияи[1] бандагият дар дӯш аст?!

Ба сари бистари андӯҳ диҳам ҷон охир,
Чун маро шоҳиди мақсуд на дар оғӯш аст.

Мегузаштию ба худ замзамае мекардӣ,
Умрҳо шуд, ки маро лаззати он дар гӯш аст.

Қиссаи ишқи ту Ҷомӣ зи касон чун пӯшад,
Чеҳра гӯёст, агарчанд забон хомӯш аст.

[1] Ғошия – пӯшиш.

*   *   *

Он кист савора, ки балои дилу дин аст,
Сад хона барандохта, дар хонаи зин аст?!

Моҳест дурахшанда, чу бар пушти саманд аст,
Сарвест хироманда, чу бар рӯйи замин аст.

Ошӯби ҷаҳон аст, агар аспсавор аст,
Осоиши ҷон аст, агар базмнишин аст.

Дар оташу обам зи дилу дида чу дидам,
К-афрӯхта рухсору арақ карда ҷабин аст.

Бартофт зи ман рӯ, гираҳ афганд бар абрӯ,
Инак сару шамшер, агар бар сари кин аст.

Гар қиссаи худ арзаи рояш натавон кард,
Сад шукри Худо, к-ӯ ҳамадону ҳамабин аст.

Гуфтам, ки суханронии Ҷомӣ зи лаби туст,
Аз писта шакар рехт, ки оре, сухан ин аст.

* * *

Хубон ҳазору аз ҳама мақсуди ман якест,
Садпора гар кунанд ба теғам, сухан якест.

Хуш маҷмаест анҷумани некувон, вале
Моҳе, к-аз ӯст, равнақи он анҷуман якест.

Хоҳем баҳри ҳар қадамаш тухфае дигар,
Лекин муқассирем, ки ҷон дар бадан якест.

Гаштам чунон заиф, ки бенолаву фиғон
Зоҳир намешавад, ки дар ин пераҳан якест.

Он ҷо, ки лаъли дилкаши Ширин диҳад фурӯғ,
Ёқуту санг дар назари Куҳкан якест.

Номусу номи мо ту шикастӣ, на некувон,
Оре, зи сад Халил ҳамин бутшикан якест.

Ҷомӣ дар ин чаман даҳан аз гуфтугӯ бибанд,
К-ин ҷо навои булбулу савти заған якест.

*   *   *

Ин ҳама хуноба, к-андар чашми гирёни ман аст,
Гашта пайдо аз ҷароҳатҳои пинҳони ман аст.

Қосиди ҷонон, ки ояд баҳри қатли дигаре,
Қосиди ҷонон магӯ, к-ӯ қосиди ҷони ман аст.

Парда аз рози дилам чун ғунча бархоҳад гирифт,
Чокҳо, к-аз шавқи он гул дар гиребони ман аст.

Хоб дидам дӯш, к-он лаб мегазам, инак ҳанӯз
Дар лабаш монда нишони захми дандони ман аст.

Мешавам гарди раҳаш, ай бод, гарди ман бибар,
Ҳар куҷо ҷавлонгаҳи сарви хиромони ман аст.

Ҳар шаб аз тасбеҳи худ фавҷи малак монанд боз,
Баски дар авҷи фалак фарёду афғони ман аст.

Аз ҷигар, Ҷомӣ, кабоб овар, зи хуни дил шароб,
К-имшаб он хунхораи бадмаст меҳмони ман аст.

*     *     *

Ай турки шӯх, ин ҳама нозу итоб чист?
Бо дилшикастагон ситами беҳисоб чист?

Дорам тазаллуме[1] ба ту, оҳиста рон саманд,
Ай сангдил, ба рағми манат ин шитоб чист?

Гуфтӣ: – «Шабе ба хоби ту оям», вале чӣ суд,
Чун ман ба умри хеш надонам, ки хоб чист?!

Гар ман на ғарқи оташу обам зи шавқи ту,
Ин синаи пуроташу чашми пуроб чист?

Бе ту зи заъф қуввати ҷунбиданам намонд,
Дар ҳайратам, ки дар дилам ин изтироб чист?

Аз мадраса ба Каъба равам ё ба майкада,
Ай пири раҳ, бигӯй тариқи савоб чист?

Ҷомӣ, чӣ лоф мезанӣ аз покдоманӣ,
Бар хирқаи ту ин ҳама доғи шароб чист?

[1] Тазаллум – шикоят аз зулм, додхоҳӣ.

*       *       *

Боз чашмам дурфишон аз лаъли гавҳарбори кист?
Ашки ман з-ин гуна гулгун аз гули рухсори кист?

Зери девори ту ҳар шаб зор нолам то саҳар,
Бар лаби бом о шабе, к-ин нолаҳои зори кист?

Чашм медоранд халқе дидани рӯят ба хоб,
То худ ин давлат насиби дидаи бедори кист?

Ман намегӯям ту кардӣ чокҳо дар ҷони ман,
Ҳар кӣ бинад ҷони ман, донад, ки инҳо кори кист?

Кӯйи ту сад ҷо ба хун оғушта шуд, охир бипурс,
К-ин ҳама аз синаи решу дили афгори кист?

Гаштаам бемор чун чашмат, чӣ бошад, гар гаҳе
Гӯшаи чашм афганӣ сӯям, ки ин бемори кист?

Номи Ҷомӣ тай кун, ай мутриб, Худоро з-ин ғазал,
Тарсам он маҳ нашнавад, гар донад ин гуфтори кист?

*     *     *

Рӯзи майдон аст, турки шаҳсавори ман куҷост?
Чашми ҳар кас бар рухи ёрест, ёри ман куҷост?

Ошиқон ҳар кас ба рӯйи ёри худ хандону хуш,
Ман чунин ғамгин чароям, ғамгусори ман куҷост?

То баранд аз ҷилваи хубӣ хиҷолат некувон,
Нимҷавлоне зи сарви гулузори ман куҷост?

Чанд гардам беқарору сабр ҳар сӯ инчунин,
Он шикебомӯзи ҷони беқарори ман куҷост?

Дод кардам аз ғамаш умреву он бадхӯ нагуфт,
Он ки умре буд, хоки раҳгузори ман, куҷост?

Нест хуш бар домани покаш ғубори чун мане,
Бедиле, к-аз гиря биншонад ғубори ман, куҷост?

Монд Ҷомӣ дур аз он дар, ваҳ чӣ хуш бошад гаҳе
Боз пурсад, к-он ғарибу хоксори ман куҷост?

*   *   *

Ваҳ, ки боз аз кафи ман гавҳари мақсуд бирафт,
Ёри деромада аз пеши назар зуд бирафт.

Тан, ки озурдаи теғи ситамаш буд, намонд,
Ҷон, ки овезаи банди камараш буд, бирафт.

Ваъда мекард, ки дигар наравам роҳи фироқ,
То чӣ кардам, ки на бар мӯҷиби мавъуд[1] бирафт.

Дил, ки аз хун рухам андуд[2], бар ӯ гӯ, ки хушам,
Ки ба бозори ғам он қалби зарандуд бирафт.

Буд хушнудияш он к-аз ғами ӯ ҷон бидиҳам,
Лиллаҳилҳамд, к-аз ин ғамзада хушнуд бирафт.

Хабари фурқати ӯ доду шуд овора рақиб,
Зад ба вайронаи мо оташу чун дуд бирафт.

Ҷигарӣ шуд рухи Ҷомӣ зи ғамаш, коҳе буд,
Бас, к-аш аз дида сиришки ҷигаролуд бирафт.

---

[1] Мавъуд – ваъдагӣ, ваъдадодашуда.
[2] Андудан – андова кардан.

*  *  *

Соҳибдиле, ки нарди вафо ошиқона бохт,
Нақди ду кавн дар раҳи ёри ягона бохт.

Кӯйи фанову фақр аҷаб корхонаест,
Хуш он ки ҳар чӣ дошт, дар ин корхона бохт.

Бирбуд шайхи савмааро лаззати самоъ,
Тасбеҳу хирқа дар раҳи чангу чағона бохт.

Дил з-орзуи холи ту дар доми ғусса мурд,
Бечора мурғ ҷон ба таманнои дона бохт.

Шуд з-он узори сода мунаққаш рухам ба хун,
Ин нақш бин, ки бо мани бедил замона бохт.

Бо хоки остони ту ушшоқро сарест,
Мискин касе, ки сар на дар ин остона бохт.

Чун бар бисоти васли ту Ҷомӣ наёфт даст,
Шатранҷи ишқ бо рухи ту ғоибона бохт.

*   *   *

Биё, ки шоҳиди бустон зи рух ниқоб андохт,
Насим дар сари зулфи бунафша тоб андохт.

Сабо шамими гулу бӯйи ёри гулрух дод,
Марову мурғи чаманро дар изтироб андохт.

Пайи нисори қудуми гул аз шукуфа насим,
Ба саҳни боғ дирамҳои сими ноб андохт.

Зи шабнами саҳарӣ ғунча бомдоди пагоҳ,
Кушод пераҳан аз ҳам, дар офтоб андохт.

Тавон бар абри хурӯшанда таъна зад ба ҷунун,
Зи санги жола, ки бар шишаи ҳубоб андохт.

Даруни соғари лола чаррост мушколуд,
Агар на мушк пайи тиб[1] дар шароб андохт.

Чакид нам зи ҳаво ё зи назми тар, Ҷомӣ,
Ба гӯши шоҳиди гул лӯлуи хушоб андохт.

---

[1] Тиб – хушбӯй.

*   *   *

Партави шамъи рухат акс бар афлок андохт,
Қурси хуршед шуду соя бар ин хок андохт.

Барқе аз шаъшааи талъати рахшони ту ҷаст,
Шуъла дар хирмани мушти хасу хошок андохт.

Хуш бирон Рахш, ки ишқат фалаки саркашро
Тавқ дар гардан аз он ҳалқаи фитрок андохт.

Завқи мастони сабӯҳизадаи базми ту дид,
Субҳ дар атласи пирӯзаи худ чок андохт.

Мехиромидию арвоҳи қудус[1] мегуфтанд:
– Эй хуш он пок, ки сар дар раҳи ин пок андохт.

Тӯтии нотиқаро сирри хату орази ту
Занги ташвир[2] дар ойинаи идрок андохт.

Ҷомӣ аҳлияти андешаи ишқи ту надошт,
Ҳимматаш рахт дар ин мавҷи хатарнок андохт.

[1] Қудус – ҷамъи қудс, покон.
[2] Ташвир – шармандагӣ.

*  *  *

Лаб кушодӣ, то сухан гӯйӣ, дури сероб рехт,
Турра афшондӣ, ки резад гард, мушки ноб рехт.

Бод гулбӯ, бода гулгун аст ё аз рашки ту
Бӯйи гул бар бод рафту ранги ӯ дар об рехт.

Гар маро куштӣ, чӣ ғам, кай бошад имкони дият[1]
Гӯсфандеро, ки хунаш ханҷари қассоб рехт?!

Нест ҷойи саҷда обидро, зи бас, к-аз дида хун
Бо хаёли тоқи абрӯи ту дар меҳроб рехт.

Дар тани покат дили сахт аз сипеҳри бевафост,
Сим бо пӯлод дар як қолиб он қаллоб рехт.

Вақти ман аз чошнии шарбати дардат хуш аст,
Вақти он кас хуш, ки дар коми ман ин ҷуллоб[2] рехт.

Килки Ҷомӣ нахли Марям шуд, ки чун ҷунбиш намуд,
Тозаву тар меваҳо перомуни аҳбоб[3] рехт.

---

[1] Дият – хунбаҳо.
[2] Ҷуллоб – шарбат, гулоб.
[3] Аҳбоб – ҷамъи ҳабиб, дӯстон.

*   *   *

Дил, ки рӯзе чанд бо дидори хубон хӯ гирифт,
Умрҳо ҷон канд, то бо дарди ҳиҷрон хӯ гирифт.

Нест майли базми васл аз кулбаи ҳаҷрам, ки чуғз
Кам равад сӯйи иморат, чун ба вайрон хӯ гирифт.

Ёди марҳам бар дили ман сахт меояд чу тир,
То аз он абрӯкамон бо захми пайкон хӯ гирифт.

Қоматам чавгон, сарам гӯест дар майдони ишқ,
То савори шӯхи ман бо гӯю чавгон хӯ гирифт.

Бе рухи Лайлӣ махон Маҷнуни ҳайронро ба ҳай,[1]
З-он ки он саргашта бо кӯҳу биёбон хӯ гирифт.

Ғарқа дар хуни дилам, аз чашми намнокам чӣ бок,
Фикри борон кай кунад он к-ӯ ба тӯфон хӯ гирифт!

Ҳамчу Ҷомӣ дарди сар бинад зи болини ҳарир,
Ҳар киро сар бар дарат бо санги дарбон хӯ гирифт.

---

[1] Ҳай – қабила, деҳ.

*  *  *

Абри найсон соябон бар торуми гардун зада-ст,
Лола чатри лаъл бар фарши зумуррадгун зада-ст.

Шоҳиди раъност лола, карда гулгун пераҳан
Ё дами қатли муҳиббон доман андар хун зада-ст.

Не, хато гуфтам, зи зери хок баъд аз муддате
Оташи доғи шаҳидонаш алам берун зада-ст.

Карда ёқутитабақҳоро зи дурри ноб пур,
Гӯиё Заҳҳок гил бар ганҷи Афредун зада-ст.

Бар ҳарири нилгуни об ҳайронам, ки бод
Сад ҳазорон ожида[1] бе дасту сӯзан чун зада-ст.

Гарчи акси сабза бар ҷӯ занг дар ойина аст,
Занги ғамро сайқал аз сад хотири маҳзун зада-ст.

Чун расад бар лола жола, оядам з-он санг ёд,
К-аз такаллуф Лайлияш бар косаи Маҷнун зада-ст.

Баҳри тоби хур фиганд имрӯз бар сарҳои шох,
Шаб шукуфа чодаре, к-аз қурси маҳ собун зада-ст.

Гуфтаи Ҷомӣ бувад санҷида дар мизони лутф,
Ҳосид ар таъне зада-ст, аз табъи номавзун зада-ст.

---

[1] Ожида – чин, шикан.

*   *   *

Ин заминест, ки сарманзили ҷонон буда-ст,
Матраҳи нури рухи он маҳи тобон буда-ст.

Ин заминест, ки ҳар шебу фарозе, ки дар ӯст,
Ҷойи омадшуди он сарви хиромон буда-ст.

Ин заминест, ки ҳар ҷо хасу хоре бинӣ,
Пеш аз ин руста ба ҷояш гулу райҳон буда-ст.

Домани нозкашон рафта ба ҳар ҷониб аз ӯ,
Он ки сад дасти таманно-ш ба домон буда-ст.

Медиҳад хоки раҳаш хосияти он обам,
Ки насиби Хизир аз чашмаи Ҳайвон буда-ст.

Бояд афшонд зи ҳар нӯги мижа хуни ҷигар,
Ҳар куҷо лаъли лаби ӯ шакарафшон буда-ст.

Ҷони Ҷомӣ ба ҳақиқат зи ҳамин боду ҳавост,
Гар ба сурат гилаш аз хоки Хуросон буда-ст.

*   *   *

Турки гулчеҳраи ман хайма ба саҳро задааст,
Дар дили лола рухаш оташи савдо задааст.

Шуд чунон пояи оҳи ман аз он моҳ баланд,
Ки саропарда бар ин торуми мино задааст.

Баҳри қатли кӣ камар баст, надонам, ки маро
Мекушад гӯшаи домон-ш, ки боло задааст.

Ҷонам осуда зи бӯсидани хоки қадамаш,
Хуррам он кас, ки гаҳе бӯса бар он по задааст.

Ҳар ғаме, к–аз санаме хастадиле хӯрд фурӯ,
Ҳама сар аз дилу ҷони мани шайдо задааст.

Медиҳад хоки раҳаш хосияти Оби Ҳаёт,
Баски ҳар нӯшлабе бӯса бар он ҷо задааст.

Ҷомӣ афтода зи по зери лагадкӯби ҷафо,
То ба фитроки буте дасти таманно задааст.

*   *   *

Чашмам хаёли қадди ту ҷуз нахли тар набаст,
Нахли хаёлро кас аз ин хубтар набаст.

Нагзашт дар ғами ту шабе, к-оташин дилам
Аз дуди оҳ роҳи нафас бар саҳар набаст.

Бардошт васлат аз сари мо соя, ваҳ, ки бахт
Он мурғи ромношударо болу пар набаст.

Дорад ба даври лаъли ту бар сар сабӯи май
Сӯфӣ, ки ҷуз амомаи тақво ба сар набаст.

Лаълат чу дид ашки ман, аз ханда бас накард,
Бар соилон Карим дари лутф барнабаст.

Ҷуз бо ғамат нарафт зи тан ҷони бедилон,
Бе зоди роҳ қофила бори сафар набаст.

Ҷомӣ, ки баста буд камар дар тариқи зуҳд,
То шуд асири ишқи ту, дигар камар набаст.

*   *   *

Дӯш бар ёди ту чашмам дам ба дам хун мегирист,
Сӯзи ман медид шамъу аз ман афзун мегирист.

Гиряи талхи сурохӣ низ бечизе набуд,
Ғолибан, аз шавқи он лабҳои майгун мегирист.

Субҳдам, ё Раб, кавокиб[1] буд резон аз сипеҳр,
Ё на бар дарди дили ман чашми гардун мегирист.

Чун фузун гардид дарди ман, бурид аз ман умед
В-арна бемуҷиб чаро ҳангоми афсун мегирист?

Он на борон буд гирди кӯйи Лайлӣ ҳар баҳор,
Рӯзгори сангдил бар ҳоли Маҷнун мегирист.

В-он равон то манзили Ширин на ҷӯйи шир буд,
Балки бар Фарҳоди мискин кӯҳу ҳомун мегирист.

Шуд чунон, Ҷомӣ заиф аз меҳнати ҳиҷрон, ки дӯш
Сели ашк аз хона мебурдаш бурун, чун мегирист!

---

[1] Кавокиб – ҷамъи кавкаб, ситораҳо

*   *   *

Дардо, ки ёр ҷониби моро нигаҳ надошт,
Ойини меҳру расми вафоро нигаҳ надошт!

Шуд хоки пой дар раҳи ӯ сад худошинос,
Фориғ гузашту роҳи Худоро нигаҳ надошт.

Чашми ҳаводисаш марасод, арчи ғамзааш
Аз синаам хаданги ҷафоро нигаҳ надошт.

Дар ҳайратам зи бод, ки дар чашми мардумон
Чун сурма хоки он кафи поро нигаҳ надошт?!

Сӯфӣ сафои дил ба ғами ғайр тира сохт,
Ойинаи худойнаморо нигаҳ надошт!

Ҳар ҷо, ки шуд муқими дарат, ҳурмате наёфт,
Чун дар сафи сагони ту ҷоро нигаҳ надошт.

Ҷомӣ пас аз дуои висолат зи ҳаҷр сӯхт,
Афсӯс аз ин дуо, ки балоро нигаҳ надошт!

*   *   *

Бар сари кӯе, ки рӯзе сарви нози ман гузашт,
Дар заминбӯсӣ ҳама умри дарози ман гузашт.

Буд беш аз ҳад ниёзам бо сагони ӯ, вале
Нози он бадхӯй бо ман аз ниёзи ман гузашт.

Қоматашро саҷда бурдам, чун баҳона ёфтам,
Дӣ чу масти ноз аз пеши намози ман гузашт.

Чашми гирёни ману хоки кафи пойи саге,
К-ӯ шабе аз кӯйи ёри дилнавози ман гузашт.

Шоҳи Ғазнин ҷон ҳамедод аз ғаму мегуфт: – «Нест
Умри ман ҷуз он чӣ дар васли Аёзи ман гузашт».

Сӯхт шамъ аз оташи андеша сар то пой дӯш,
Чун ба маҷлис қиссаи сӯзу гудози ман гузашт.

Ҷомиё, марди ҳақиқатбин ба маънӣ бурд роҳ,
Ҳар куҷо афсонаи ишқи маҷози ман гузашт.

*   *   *

Ҷон тани фарсударо бо ғами ҳиҷрон гузошт,
Тоқати суҳбат надошт, хона ба меҳмон гузошт.

Тири ту омад фурӯ, сина басе танг буд,
Дил ба адам рӯ ниҳод, ҷой ба пайкон гузошт.

Каъбараверо кашид ҷазбаи хоки дарат,
Роҳилаву[1] зодро зери мағелон гузошт.

Гиря чароғам бикушт, гармии дил ҳамчунон
Оташи пайдо нишонд, сӯзиши пинҳон гузошт.

Турки дилошӯби ман гар хираду сабр пок
Бурд ба ғорат, чӣ бок, шукр, ки имон гузошт.

Тарфи кулаҳ баршикаст, рахши ҷафо тунд ронд,
Ҳар қадаме сад чу ман волаву ҳайрон гузошт.

Ҷомии бедил наёфт дод зи хубони шаҳр,
Роҳи сафар баргирифт, шаҳр бад-эшон гузошт.

---

[1] Роҳила – ҳайвони боркаш.

*  *  *

Дар базми мо, ки меравад аз нуқлу ҷом баҳс,
Ай муҳтасиб, макун зи ҳалолу ҳаром баҳс.

З-он зулфу рух, ки ҳуҷҷати даври тасалсул[1] аст,
Бошад миёни аҳли назар субҳу шом баҳс.

З-он моҷаро, ки бода фурӯ рехт аз лабат,
Ҳар дам равад миёни суроҳию ҷом баҳс.

Манъам кунӣ зи рух, ки бигӯ тарки баҳси васл,
То манъ ворид аст, нагардад тамом баҳс.

Бо зоҳиди фасурда магӯ шарҳи сирри ишқ,
Аз нуктаҳои хос макун пеши ом баҳс.

Аз лаъли туст ин ҳама ғавғои мо, бале,
Аз май равад ба маҷлиси мастон мудом баҳс.

Ҷомӣ, ҳадиси лаъли лабаш гӯй, агар кунад
Бо мантиқи ту тӯтии ширинкалом баҳс.

---

[1] Тасалсул – пай дар пай.

*    *    *

Сари зулфат, ки ҳаст аз бод гоҳе рост, гоҳе кач,
Бар он рухсору ораз бод гоҳе рост, гоҳе кач.

Хаёли қомату меҳроби абрӯи ту мебандад,
Ки мехонад имом аврод[1] гоҳе рост, гоҳе кач.

Чу дар мастӣ хиромӣ, қаддат аз хосияти бода
Шавад чун шохи гул аз бод гоҳе рост, гоҳе кач.

Дар он болову зулф аз боғбони сунъ ҳайронам,
Ки чун мепарварад шамшод гоҳе рост, гоҳе кач.

Рақиби качниҳодат бод хуррам ростӣ, к-орад
Ба ошиқ муждаи бедод гоҳе рост, гоҳе кач.

Намози ман ниёз омад, чӣ ҳосил з-он ки дар масҷид
Шавам бар одати зуҳҳод гоҳе рост, гоҳе кач.

Хаёли қадду зулфат баст Ҷомӣ дар сухан, з-он рӯ
Радифи шеъри ӯ афтод гоҳе рост, гоҳе кач.

[1] Аврод – ҷамъи вирд.

*     *     *

Аз ёри куҳан намекунӣ ёд,
Ин пешаи нав муборакат бод!

Фарёди касе намекунӣ гӯш,
Пеши кӣ кунем аз ту фарёд?

Бо давлати бандагӣ-т ҳастем,
Аз хоҷагии ду олам озод.

Шояд, ки туро фаришта хонанд,
К-ин лутф надорад одамизод.

Он сӯхта ёфт лаззати ишқ,
К-аз васл нишон надиду ҷон дод.

Аз шаккари ҷонфизои Ширин,
Парвиз наёфт завқи Фарҳод.

Мурғи чамани вафост Ҷомӣ,
Дар доми ғаму бало чӣ афтод!

*   *   *

Ҳалқаи гӯши туро ҳар кӣ бад-ин лутф бидид,
Ҳалқаи бандагии ишқи ту дар гӯш кашид.

Ҳалқаи гӯши туро то шудаам ҳалқабагӯш,
Ҳалқасон кори маро пою саре нест падид.

Гӯшат, ай симбар, аз ҳалқаи зар гашт гарон,
Ҷойи он дорад, агар нолаи моро нашунид.

Монд дар ҳалқаи гӯши ту гирифтор дилам,
Гарчи бисёр аз он роҳи бурун шуд, талабид.

Зар шуд аз ҳалқаи гӯши ту маро чеҳра, вале
Натавон гавҳари васли ту бад-ин ваҷҳ харид.

Ҳар куҷо ҳалқа заданд аҳли малоҳат, чу дилам
Ҳалқаи гӯши туро дида аз он ҳалқа рамид.

Гӯш кун, гӯш, ки аз бори ғами фурқати ту,
Ҳалқа шуд қомати Ҷомию ба гӯшат нарасид.

*   *   *

Хуррам дили онҳо, ки ба майхона нишастанд
В-аз васвасаи хонақаҳу мадраса растанд.

Чун ҷомаи мо пардаи тақво бидариданд,
Чун тавбаи мо хомаи фатво бишикастанд.

Ғам ёру бало мӯнису андӯҳ надим аст,
Ай дил, ту куҷоӣ, ки ҳарифон ҳама ҳастанд!

Бар буткада бигзар гираҳи зулф кушода,
То рӯйи ту бинанду дигар бут напарастанд.

Мастон, чӣ аҷаб, гар ба замин ҷуръа фишонанд,
Хуни дили мо ҷуръаву чашмони ту мастанд.

Пеши ту чӣ гӯям сухани Сидраву Тӯбӣ,
Бихром, ки бо қадди баландат ҳама пастанд.

Ҷомӣ, ҳарами Каъба мақоми ҳама кас нест,
Ин бас, ки дари дайр ба рӯйи ту набастанд.

*   *   *

Омад хазони умру маро гуна зард кард,
Бар хотирам ҳавои гулу сабза сард кард.

Осудагӣ ба хоб надид он ки такягоҳ
Аз гирди болиши фалаки тезгард кард.

Ғарра машав, ки хоҷа ба некӣ ситоядат,
Бадмардии замона туро некмард кард.

Фард аст ёру майли дилаш ҳаст сӯйи фард,
Хуш он ки хотир аз ҳама ағёр фард кард.

З-он офтоб баҳра ҷуз он гармрӯ наёфт,
К-ӯ борагӣ[1] зи ҳиммати гардуннаворд кард.

Гар кард хун дилам, чу забон аз сухан бибаст,
Бо ӯ киро маҷоли сухан, ҳар чӣ кард, кард.

Ҷомӣ, чу нест маънии рангин ҳасудро,
Тазйини[2] шеъри худ ба зару лоҷвар кард.

---

[1] Борагӣ – асп.
[2] Тазйин – зебу зинат додан, оро додан.

*   *   *

Тири ту афтод дур, ҷони ман афгор кард,
Дар ҳадаф омад, вале дар дили ман кор кард.

Пеши рухат вақти гул лола шукуфтан нахост,
Сина зад аз шавқ чок, доғи худ изҳор кард.

Абри чаманро зи гул рӯйи ту омад ба ёд,
Наъраи бисёр зад, гиряи бисёр кард.

Меҳр, ки девору дар партави рӯяш гирифт,
Рӯйи туро диду ҷо дар паси девор кард.

Лаъли ту омад Масеҳ, к-аз дами ҷонбахши хеш
Дод шифо ҳар киро, чашми ту бемор кард.

Таъна ба хорӣ мазан, з-он ки азизи ҷаҳон
Будам аз ин пештар, ишқи туам хор кард.

Ҷомӣ аз оғози назм васфи ҷамоли ту гуфт,
Матлаи[1]девони хеш машриқи анвор[2] кард.

---

[1] Матлаъ – байти аввали шеър.
[2] Анвор – ҷамъи нур, нурҳо.

*   *   *

Мутриб оҳанги тараннумҳои шавқангез кард,
Аз дами най оташи соҳибдилонро тез кард.

Дар ҳарими базми риндон пой натвонад ниҳод,
Ҷуз ҳарифе, к-аз сабӯйи бода дастовез кард.

Кӯҳкан[1], гӯ, теша беҳосил мазан, чун даври чарх
Лаъли ҷонафзои Ширин рӯзии Парвиз кард.

Сабзаи тар хост гирди гул туро аз мушки ноб,
Бо асирон ҳар чӣ кард, он сабзаи навхез кард.

Зулфи мушкини туро дар боғ барҳам зад сабо,
Ҷаъди сунбулро абирафшону анбарбез кард.

Дошт арзонӣ хаёлат дӯш ташрифи қудум,
Мардуми чашми манаш аз гиря гавҳаррез кард.

Даъвии парҳезгорӣ нест ҷуз олудагӣ,
Вақти Ҷомӣ хуш, к-аз ин олудагӣ парҳез кард.

[1] Кӯҳкан – киноя аз Фарҳод.

*   *   *

Вах̣, ки он турки парипайкар маро девона кард,
Ошно ногашта аз ақлу хирад бегона кард.

Ҳар мусулмоне, ки шакли он бути бадкеш дид,
Пушт бар меҳроби масҷид, рӯй бар бутхона кард.

Он ки ҳар ҷо қиссаи Лайливу Маҷнун хонда буд,
Чун шунид аҳволи моро тарки он афсона кард.

Ин ҳама мастию беҳушӣ на ҳадди бода буд,
Бо ҳарифон ҳар чӣ кард, он наргиси мастона кард.

Ишқ ганҷ омад, дили бехонумон вайронае,
Ончунон ганҷе куҷо манзил дар ин вайрона кард!

Ҷон зи шавқи оразу холаш фуруд омад ба тан,
Мурғро моил ба пастӣ завқи обу дона кард.

Ҷомиё, бо дурдии ҷоми бало мебош хуш,
Чун туро соқии ишқ ин бода дар паймона кард.

*   *   *

Ваҳ, ки он султон ба мазлумон нигоҳе ҳам накард
В-аз такаббур гӯш сӯйи додхоҳе ҳам накард.

Баҳри побӯсӣ ба роҳаш солҳо будем хок,
Ҳаргиз он бадхӯ гузар бар хоки роҳе ҳам накард.

